«Тасдиқ менамоям»
Ректори МДТ Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон
Ғафуров, номзади илмҳои таърих,
дотсент _____ Набизода М.С.
«___» _____09_____с.2026

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба рисолаи илмии Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология барои ҳимоя пешниҳод шудааст

1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисос. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич ба самтҳои асосии паразитологияи ветеринарӣ мувофиқат намуда, ба омӯзиши паҳншавӣ, хусусиятҳои эпизоотологӣ, ташхис, табобат ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ бахшида шудааст. Мазмуни тадқиқот ба бандҳои 3.3 – таснифоти муфтхӯрон, барангезандаҳои бемориҳои паразитии ҳайвонот ва одам; 3.13 – зуҳуроти клиникӣ, усулҳои ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳои инвазионӣ; 3.14 – тадбирҳои умумӣ ва махсус оид ба пешгирӣ ва рафъи бемориҳои инвазионӣ, системаи пешгирии зоонозҳо ва антропозоонозҳои паразитӣ; 3.15 – таҳияи воситаҳо ва усулҳои дезинвазия, дезинсексия ва дезакаризатсияи шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла байторӣ, аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология мутобиқат мекунад.

2. Мубрамияти мавзуи диссертатсия. Чорводорӣ яке аз самтҳои муҳими соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ, аз ҷумла гӯшт ва шир, нақши муҳим дорад. Самаранокии рушди соҳаи чорводорӣ пеш аз ҳама ба нигоҳ доштани солимии ҳайвонот, баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва пешгирии бемориҳои сироятӣ ва инвазионӣ вобаста мебошад.

Дар байни бемориҳои паразитии чорвои калони шохдор пироплазмидозҳо, аз ҷумла тейлериоз, пироплазмоз ва бабезиоз, ҷойи муҳимро ишғол менамоянд. Ин бемориҳо боиси баландшавии ҳарорати бадан, камхунӣ, пастшавии иштиҳо, заифшавӣ, кам гардидани маҳсулнокӣ ва дар ҳолатҳои вазнин фавти ҳайвонот мегарданд. Ба ин

васила, пироплазмидозҳо метавонанд ба хоҷагиҳои чорводорӣ зарари назарраси иқтисодӣ расонанд.

Паҳншавии пироплазмидозҳо ба мавҷудият ва фаъолияти канаҳои иксодӣ-интиқолдиҳандагон, шароити табиӣ-иқлимӣ, баландии маҳал аз сатҳи баҳр, мавсим, зичии чорво ва хусусиятҳои синнусоливу зотии ҳайвонот вобастагии зич дорад. Тоҷикистон, аз ҷумла минтақаҳои ҷанубии ҷумҳурӣ, бо гуногунии шароити табиӣ, иқлимӣ ва ландшафтӣ фарқ намуда, барои паҳншавии намудҳои гуногуни канаҳои иксодӣ ва бемориҳои тавассути онҳо интиқолшаванда шароити мусоид фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, омӯзиши муосири вазъи эпизоотологии пироплазмидозҳо, муайян намудани намудҳои барангезандагон ва интиқолдиҳандагони онҳо, таҳлили вобастагии паҳншавии бемориҳо аз синну сол, зот, мавсим ва минтақаи баландӣ, инчунин таҳияи усулҳои самараноки табобат ва пешгирӣ аҳаммияти калони илмӣ ва амалӣ дорад.

Мубрамияти тадқиқоти Абдураҳимов С.Д. инчунин бо зарурати интихоби маводи самараноки зиддипротозойӣ, истифодаи воситаҳои муосири мубориза бар зидди канаҳо ва арзёбии самаранокии ваксинаҳои зидди тейлериоз алоқаманд мебошад. Натиҷаҳои тадқиқот барои такмили низоми мубориза бо пироплазмидозҳо, коҳиш додани талафоти иқтисодӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти чорводорӣ аҳаммияти муҳим доранд.

3. Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои илмӣ, ки дар диссертатсия оварда шудаанд. Гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар диссертатсия ба маҷмӯи васеи тадқиқотҳои эпизоотологӣ, клиникӣ, озмоишгоҳӣ ва истеҳсолӣ, инчунин таҳлили ҳамаҷонибаи маълумоти таҷрибавӣ такя мекунанд. Дар раванди тадқиқот вазъи эпизоотии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ омӯхта шуда, хусусиятҳои паҳншавии бемориҳо вобаста ба шароити экологӣ, минтақаҳо, синну сол, зот ва мавсим муайян карда шудаанд.

Таҳлили натиҷаҳои ташхиси хун нишон дод, ки дар байни чорвои калони шохдори тадқиқшуда барангезандагони асосии пироплазмидозҳо *Theileria annulata, Babesia bigemina* ва *Babesia colchica* мебошанд. Дараҷаи сироятёбии ҳайвонот дар минтақаҳои гуногун фарқ дошта, нишондиҳандаҳои баландтар асосан дар водиҳо ва минтақаҳои доманакӯҳӣ ба қайд гирифта шудаанд. Ҳамчунин, вобастагии дараҷаи сироятёбӣ аз синну соли ҳайвонот муқаррар гардида, дар ҳайвоноти ҷавон нисбат ба чорвои калонсол сатҳи баландтари сироятёбӣ мушоҳида шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиши канаҳои иксодӣ 1678 намуна ҷамъоварӣ гардида, 12 намуд муайян карда шуд. Дар байни онҳо намудҳои *Hyalomma anatolicum, Hyalomma asiaticum* ва *Alveonasus lahorensis*

бештар паҳншуда буда, нақши онҳо ҳамчун интиқолдиҳандагони барангезандагони пироплазмидозҳо арзёбӣ гардид. Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки фаъолияти мавсимии канаҳо яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи динамикаи эпизоотологии пироплазмидозҳо ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми омӯзиши самаранокии воситаҳои пешгирикунанда маълум гардид, ки истифодаи ваксинаи зидди тейлериози чорвои калони шохдор аз штамми S_{15} дар шароити хоҷагиҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ натиҷаи мусбат дода, ҳайвоноти эмкардашуда дар давраи хавфноки мавсимӣ ба шакли клиникии беморӣ гирифтор нашуданд. Самаранокии ваксина дар таҷрибаҳои гузаронидашуда 100 фоизро ташкил намуд.

Ҳангоми арзёбии маводи табобатӣ самаранокии баланди бупарвекси 5% бар зидди тейлериоз, инчунин бабезани 12% ва имкар-120 бар зидди бабезиозҳо муайян карда шуд. Маводи дигари зиддипротозойӣ низ натиҷаҳои мусбат нишон дода, имконияти истифодаи онҳо дар низоми табобати пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор асоснок карда шудааст.

Натиҷаҳои омӯзиши воситаҳои мубориза бар зидди канаҳои иксодӣ нишон доданд, ки истифодаи интермектин супер, интермектин, ратсидол ва СИПЕК-10% метавонад барои паст намудани шумораи канаҳо дар бадани ҳайвонот ва биноҳои чорводорӣ самаранок бошад. Ин натиҷаҳо аҳаммияти истифодаи чораҳои комплексии акарисидиро дар пешгирии пироплазмидозҳо тасдиқ менамоянд.

Натиҷаҳои бадастомада дар ҷаласаҳои Шурои олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва дигар чорабиниҳои илмӣ муҳокима гардида, баҳои мусбат гирифтаанд. Дар асоси натиҷаҳои тадқиқот барои такмили низоми ташхис, табобат ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор пешниҳодҳои амалӣ таҳия гардидаанд.

Дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти ба дастовардашуда «Тавсияҳо оид ба муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор» таҳия карда шуд, ки онро Шурои илмию техникии Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2024, протоколи №8 тасдиқ кардааст.

Тадқиқоти гузаронидашуда имкон медиҳад, ки натиҷаҳои илмии бадастомада дар фаъолияти мутахассисони байторӣ, хоҷагиҳои чорводорӣ, муассисаҳои ташхисӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ мавриди истифода қарор гирифта, барои баланд бардоштани сатҳи касбии мутахассисон ва такмили барномаҳои таълимии фанҳои паразитология ва эпизоотология истифода шаванд.

4. Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда. Навгонии илмии тадқиқот аз он иборат аст, ки баъд аз чандин даҳсола дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ фауна ва паҳншавии

пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳо ва экосистемаҳои гуногун ба таври муфассал омӯхта шудааст.

Дар натиҷаи тадқиқот се намуди асосии пироплазмидаҳо – *Theileria annulata*, *Babesia bigemina* ва *Babesia colchica* муайян карда шуда, дараҷаи сироятёбии чорво вобаста ба минтақаи зист, синну сол, зот ва мавсим таҳлил гардидааст. Ҳамзамон, ҳолатҳои моноинвазия ва инвазияҳои омехта муайян ва хусусиятҳои паҳншавии онҳо таҳлил карда шудаанд.

Яке аз натиҷаҳои муҳими илмии тадқиқот муайян намудани фаунаи муосири канаҳои иксодӣ дар минтақаҳои таҳқиқшуда мебошад. Дар ҳудуди Тоҷикистони Ҷанубӣ 12 намуди канаҳои иксодӣ-интиқолдиҳандагони паразитҳои хуни ҳайвонот муайян карда шудааст.

Бори аввал самаранокии ваксинаи заифкардашудаи истеҳсоли ширкати «Дорса Парс Тус»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки аз штамми S_{15}-и *Theileria annulata* иборат мебошад, дар шароити таҷрибавӣ ва истеҳсолӣ арзёбӣ гардидааст.

Ҳамчунин, дар шароити муқоисавӣ самаранокии як қатор маводи муосири зиддипротозойӣ ҳангоми табобати тейлериоз ва бабезиозҳо омӯхта шудааст. Аз ҷумла, самаранокии баланди бупарвекси 5%, бабезани 12% ва имкар-120 ҳангоми тейлериоз ва бабезиозҳо муайян гардидааст.

Дар доираи тадқиқот самаранокии як қатор инсектоакарисидҳо низ омӯхта шуда, самаранокии баланди интермектин супер, интермектин, ратсидол ва СИПЕК-10% бар зидди канаҳои иксодӣ муқаррар карда шудааст. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада нақшаи такмилёфтаи табобат, пешгирӣ ва мубориза бар зидди пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор пешниҳод гардидааст.

5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои диссертатсия дар омӯзиши вазъи эпизоотии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ ва муайян намудани воситаҳои самараноки ташхис, табобат ва пешгирии онҳо аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ доранд.

Дар натиҷаи тадқиқот намудҳои асосии барангезандагони пироплазмидозҳо – *Theileria annulata, Babesia bigemina* ва *Babesia colchica* муайян гардида, хусусиятҳои паҳншавии онҳо вобаста ба минтақа, синну сол, зот ва мавсим омӯхта шудаанд. Ҳамчунин, фаунаи интиқолдиҳандагон-канаҳои иксодӣ таҳқиқ гардида, нақши онҳо дар паҳншавии бемориҳо муайян карда шудааст.

Натиҷаҳои тадқиқот имконият медиҳанд, ки ташхиси бармаҳали пироплазмидозҳо такмил дода шуда, чораҳои маҷмӯавии пешгирӣ, аз ҷумла эмгузаронӣ ва мубориза бар зидди канаҳои иксодӣ самаранок ба роҳ монда шаванд. Самаранокии ваксинаи зидди тейлериози чорвои калони шохдор аз штамми S_{15} ва як қатор маводи зиддипротозойӣ ва инсектоакаритсидҳо муайян карда шудааст.

Татбиқи натиҷаҳои тадқиқот метавонад ба коҳиш додани талафоти чорво, паст намудани зарари иқтисодӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии хоҷагиҳои чорводорӣ мусоидат намояд. Натиҷаҳои бадастомада инчунин метавонанд дар фаъолияти мутахассисони соҳаи байторӣ, муассисаҳои илмӣ ва таълимии соҳа истифода шаванд.

6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқ. Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот бо ҳаҷми кофии маводи ҷамъовардашуда, гузаронидани тадқиқоти саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ, истифодаи усулҳои стандартии ташхисӣ, клиникӣ ва паразитологӣ, инчунин коркарди омории маълумот таъмин карда шудааст.

Дар давраи тадқиқот 986 сар чорвои калони шохдор, 132 сар чорвои майда ва 18 сар асп аз ҷиҳати клиникӣ муоина гардида, 1678 намунаи канаҳои иксодӣ ҷамъоварӣ карда шудааст. Барои муайян намудани пироплазмидаҳо молишакҳои хуни ҳайвонот бо усули Романовский–Гимза тадқиқ гардидаанд.

Барои арзёбии самаранокии маводи табобатӣ ҳолати клиникӣ, ҳарорати бадан, вазни ҳайвонот ва дараҷаи паразитемия ба ҳисоб гирифта шуда, натиҷаҳои бадастомада бо усулҳои омории мувофиқ таҳлил карда шудаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба натиҷаҳои воқеии тадқиқот асос ёфта, бо маълумоти таҷрибавӣ ва истеҳсолӣ тасдиқ мегарданд.

7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар тадқиқ. Унвончӯ маводи илмии тадқиқшавандаро мустақилона ҷамъоварӣ карда, зимни муайян намудани намудҳо, нишондодҳои сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидозҳо вобаста ба синну сол ва зот, моно- ва полисироятёбӣ дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ «Тавсияҳо оид ба муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор» ба кор бурдааст, ки онро Шурои илмию техникии Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2024, протоколи №8 тасдиқ кардааст.

8. Нашри натиҷаҳои тадқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот оид ба мавзуи диссертатсия дар ҷаласаҳои Шурои олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар солҳои 2021–2024 муҳокима гардида, дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Мутобиқгардонии соҳаи кишоварзӣ ба ивазшавии иқлим: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он», бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90-солагии таъсисёбии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (ш. Душанбе, 22 октябри соли 2021), конференсияи илмӣ-амалии «Чораҳои мубориза бар зидди бемориҳои сироятӣ ва инвазионии чорвои кишоварзӣ» (ш. Душанбе, 30 октябри соли 2024), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Нақши маводи ташхисӣ, табобатӣ ва

пешгирикунанда дар низоми бехатарӣ ва амнияти биологӣ» (ш. Душанбе, 23 ноябри соли 2024) ва конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Дастовардҳои инноватсионии олимони соҳаи чорводорӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ», бахшида ба 110-солагии академик Ғ.А. Алиев (ш. Душанбе, 20 декабри соли 2025) гузориш дода шудаанд.

9. Арзёбии мундариҷаи рисола ва дараҷаи анҷомёбии он.

Сохтор ва ҳаҷми рисола. Рисолаи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич тадқиқоти илмии мақсаднок буда, ба талаботҳои стандартии барои ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ комилан ҷавобгӯ мебошад. Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи тадқиқот, дараҷаи омӯзиши мушкилоти илмӣ, робитаи тадқиқот бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети тадқиқот, навоварии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии натиҷаҳо, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо равшан ва пурра асоснок карда шудаанд.

Сохтор ва мундариҷаи рисола ба мавзуи тадқиқот комилан мувофиқ буда, натиҷаҳо пайдарҳам ва бо равиши мантиқӣ тартиб дода шудаанд. Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот пайваста иҷро гардида, натиҷаҳои асосӣ бо маълумоти таҷрибавӣ, таҳлили муқоисавӣ ва коркарди омории натиҷаҳо асоснок карда шудаанд.

Сохтори кори диссертатсионӣ аз муқаддима, баррасии адабиёт, тавсифи хусусиятҳои табиӣ-иқлимии мавзеи тадқиқот, мавод ва усулҳои тадқиқот, натиҷаҳои тадқиқоти хусусӣ, баррасии натиҷаҳои бадастомада, хулоса, пешниҳодҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо ташкил ёфтааст.

Рисола чор бобро дар бар мегирад. **Боби аввал** баррасии васеи адабиётро дар бар гирифта, таҳлили 273 сарчашмаи илмиро инъикос менамояд, ки аз онҳо 62 адад манбаъҳои хориҷӣ мебошанд. Дар ин боб маълумоти умумӣ оид ба пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор, аз ҷумла тейлериоз, пироплазмоз ва бабезиоз, хусусиятҳои эпизоотологӣ, барангезандагони бемориҳо, роҳҳои паҳншавӣ, нақши канаҳои иксодӣ ҳамчун интиқолдиҳанда, усулҳои ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳо, инчунин истифодаи маводи зиддипротозойӣ, ваксинаҳо ва инсектоакаритсидҳо ба таври муфассал таҳлил ва баррасӣ шудаанд. Маълумоти таҳлилшуда барои асоснок намудани зарурати омӯзиши муосири пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ заминаи илмӣ фароҳам меорад.

Боби дуюм методология ва маводи тадқиқотиро ба таври муфассал маънидод менамояд. Муаллиф маҷмӯи усулҳои муосир ва анъанавии тадқиқот, аз ҷумла муоинаи клиникии ҳайвонот, тайёр кардани молишакҳои хун, ташхиси микроскопӣ бо усули Романовский–Гимза, тадқиқоти патологоанатомӣ, ҷамъоварӣ ва муайян намудани намудҳои канаҳои иксодӣ, арзёбии дараҷаи сироятёбии ҳайвонот, инчунин

омӯзиши самаранокии ваксина, маводи зиддипротозойӣ ва инсектоакаритсидҳоро истифода бурдааст. Коркарди омории натиҷаҳо эътимоднокии маълумоти бадастомадаро таъмин намуда, барои арзёбии дурусти натиҷаҳои тадқиқот заминаи зарурӣ фароҳам овардааст.

Боби сеюм натиҷаҳои тадқиқот оид ба вазъи эпизоотии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубиро дар бар мегирад. Намудҳои асосии пироплазмидаҳо, вобастагии сироятёбӣ аз минтақа, синну сол, зот ва мавсим, инчунин фаунаи канаҳои иксодӣ муайян гардидаанд. Самаранокии ваксинаи штамми S_{15}-и *Theileria annulata* 100% ва таъсири маводи зиддипротозойӣ ва инсектоакаритсидӣ арзёбӣ шуда, дар асоси натиҷаҳо чораҳои такмилёфтаи пешгирӣ ва табобат пешниҳод гардидаанд.

Боби чорум баррасии натиҷаҳои тадқиқот оид ба паҳншавии пироплазмидозҳо, таъсири синну сол, зот, мавсим ва минтақаҳои табиӣ-ҷуғрофӣ, инчунин нақши канаҳои иксодӣ дар интиқоли бемориҳоро дар бар мегирад.

Хулоса ҳамаи бобҳо мутаносиб ва пайдарҳам буда, ҳам ҷиҳатҳои назариявӣ ва ҳам амалии тадқиқоти пироплазмидозҳои чорвои калони шохдорро фаро мегиранд. Сохтор ва мундариҷаи рисола ба мавзуи тадқиқот пурра мувофиқ буда, натиҷаҳо бо маълумоти кофии таҷрибавӣ асоснок ва эътимоднок мебошанд. Мақсад ва вазифаҳои гузошташуда пурра иҷро гардида, натиҷаҳои тадқиқот барои такмили чораҳои ташхисӣ, табобатӣ ва пешгирикунандаи пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд.

Диссертатсия дар ҳаҷми 154 саҳифаи матни компютерӣ таҳия гардида, аз муқаддима, шарҳи адабиёт, хусусиятҳои табиӣ-иқлимии мавзеи тадқиқот, мавод ва усулҳои тадқиқот, 13 бахши тадқиқоти хусусӣ, баррасии натиҷаҳои бадастомада, хулоса, пешниҳодҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад. Рӯйхати адабиёт 273 сарчашмаи илмиро дар бар мегирад, ки аз онҳо 62 адад манбаъҳои хориҷӣ мебошанд. Рисола бо 11 ҷадвал ва 3 расм муҷаҳҳаз гардида, маводи зарурии илмӣ ва таҷрибавиро инъикос менамояд.

Дар замима ҳуҷҷатҳо ва маводи зарурӣ пешниҳод шудаанд, ки аҳаммияти илмӣ, арзиши амалӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро тасдиқ мекунанд. Аз ҷумла, натиҷаҳои тадқиқот дар шакли тавсияҳои амалӣ оид ба муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор истифода шудаанд.

Мундариҷаи рисола дараҷаи баланди анҷомёбии тадқиқотро нишон медиҳад. Ҳамаи вазифаҳои муайяншуда пурра иҷро гардида, натиҷаҳо тибқи мақсад ва вазифаҳои гузошташуда пайдарҳам ва мантиқан пешниҳод шудаанд. Хулосаҳо бо натиҷаҳои тадқиқот асоснок буда, пешниҳодҳои амалӣ аз маълумоти бадастомада бармеоянд.

Сохтори кор ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, тарҳрезӣ ва муҳтавои он ба стандартҳои академии муқарраргардида мувофиқат мекунад.

10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тарҳрезии рисола пурра ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад. Кор саҳифабандӣ шуда, матн ба тартиб баён гардидааст, расмҳо, диаграммаҳо ва ҷадвалҳо дуруст тарҳрезӣ шудаанд, феҳристи адабиёт ба стандартҳо мувофиқат менамояд.

11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Салоҳияти илмии Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич ба талаботи додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба масъалаҳои муҳими паразитологияи ветеринарӣ, аз ҷумла омӯзиши пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор, ташхис, табобат ва пешгирии онҳо бахшида шуда, дорои навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалии назаррас мебошад. Натиҷаҳои бадастомада барои такмили чораҳои мубориза бар зидди пироплазмидозҳо ва баланд бардоштани самаранокии соҳаи чорводорӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Диссертатсия аз ҷиҳати методологӣ асоснок буда, натиҷаҳои тадқиқот аҳаммияти илмӣ ва амалии баланд дошта, барои истифода дар соҳаи байторӣ ва хоҷагиҳои чорводорӣ тавсияшаванда мебошанд.

12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия. Бо вуҷуди аҳаммияти илмӣ ва амалии тадқиқот, дар диссертатсия баъзе масъалаҳо ба таври пурра шарҳ дода нашудаанд, ки арзиши умумии кори тадқиқотиро коҳиш намедиҳанд:

1. Ҳангоми пешгирии тейлериоз истифодаи якҷояи ваксина ва маводи акаритсидӣ дар мубориза бар зидди канаҳои иксодӣ ба коҳиши хавфи пайдоиши беморӣ метавонад бештар арзёбӣ гардад?

2. Бо кадом сабаб ҳангоми гузаронидани тадқиқот бахусус тейлериоз ва бабезиозҳо таҳти омӯзиш қарор дода шуданд?

3. Дар айни замон ваксина танҳо барои пешгирии тейлериоз истифода мешавад, дар ҳоле ки чорво метавонад ба дигар намуди пироплазмидозҳо низ гирифтор гардад. Аз ин рӯ, савол ба миён меояд, ки дар чунин шароит истифодаи танҳо ваксинаи зидди тейлериоз то чӣ андоза самаранок ва аз ҷиҳати амалӣ асоснок мебошад?

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, бартариҳои асосии диссертатсия, навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомадаро коҳиш намедиҳанд.

13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия. Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология пешниҳод шудааст, дар сатҳи зарурии илмӣ ва амалӣ иҷро гардида, аз рӯйи мазмун ва сохтор ба талаботи муқарраргардида мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси бандҳои 76–79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 11 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: тарафдор 11 нафар, зид ва бетараф – нест.

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи зоология ва физиологияи одаму ҳайвонот,
доктори илмҳои биологӣ профессор Мирзобаҳодурова Ш.Р

Эксперт:
Профессори кафедраи биология ва методикаи
таълими он, доктори илмҳои биологӣ Каримов С.Б.

Котиби илмии ҷаласа:
Омӯзгори кафедраи зоология ва физиологияи одаму
ҳайвонот Турсунова З.А.

Имзоҳои Мирзобаҳодурова Ш.Р., Каримов С.Б. ва
Турсунова З.А.- ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Сайдуллозода З.С.

22 сентябри соли 2026

Суроғаи муассисаи пешбар:
735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
тел: +992342267518, rector@hgu.tj

22 сентябри соли 2026